Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи тадқиқотии интихобнамудаи Шарипов Некрӯз Гадомадович ба масъалаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ) бахшида шудааст. Бонкҳои тиҷоратӣ қисми асоситарини низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, дараҷаи ташаккулёбии онҳо ба рушди ҷомеа, дархост ба талаботи аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, имконоти меҳнатӣ ва молии субъектҳои иқтисодиёт вобаста мебошад. Баланд шудани сатҳи иқтисодиёти мамлакат ва афзоиши талабот ба хизматҳои бонкӣ ва баръакс, сатҳи пасти зиндагии қисми асосии аҳолии мамлакат ба кам шудани талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, бо мақсади ташаккулёбии самараноки бозори хизматрасонии бонкӣ зарур аст, дар мамлакат қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ ба талаботи муосир таҳия ва такмил дода шаванд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи иҷрои фаъолияти худ амалиётҳои гуногун гузаронида, на танҳо гардиши пул ва муносибатҳои қарзиро ташаккул медиҳанд, балки дар раванди маблағгузории тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ фаъолона иштирок менамоянд. Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ нақши бонкҳои тиҷоратӣ дар пешрафти иқтисодиёт торафт зиёд мешавад. Моҳияти асосии бонкҳои тиҷоратиро хизматрасониҳои бонкӣ, ё ин ки амалиётҳои бонкӣ равшану возеҳ ифода менамояд. Дар робита ба ин, месазад қайд намуд, ки мавзӯи интихобгардида дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мубрам шуморида мешавад.

Аз матни автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ хусусиятҳои муҳими илмию таҳқиқотӣ, инчунин, дар амалия татбиқшаванда дошта, мустақилона иҷро карда шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф омилҳои таъсиррасонандаро ба рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ баррасӣ

Сканировано с CamScanner

намуда, роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳоро дар бозори молиявӣ пешниҳод намудааст.

Муаллиф дуруст ва ҷолиб қайд намудааст, ки ҷиҳати ноил шудан ба мақсади баландбардории рақобатпазирии низоми бонкӣ дар кишвар, татбиқи истифодаи самараноки технологияҳои муосири рақамӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбанд. Инчунин, муаллиф чунин мешуморад, ки меъёри самаранокӣ дар иқтисодиёти рақамӣ раванди идоракунии фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиро ба низом дароварда, шаффофиятро дар фаъолияти онҳо ба амал меорад, ва тавассути кам гардидани хароҷот ҳадди аксари фоидаро таъмин менамояд, ки ин омил ба рушди низоми бонкӣ дар мамлакат низ мусоидат менамояд. Яке аз бартариҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳолати муосири фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар рушди иқтисоди рақамӣ пешниҳод намояд.

Нашри мақолаҳои илмии даврии муаллиф паҳлуҳои мухталифи ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамиро дар бар мегирад, ки муаллиф дар ин масъала 11 мақолаҳои илмии худро нашр намудааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои нашриявии ба руйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда нашр шудааст. Илова бар ин, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва ҷабҳаҳои гуногуни назариявию амалии он дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун аллалхусус, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилаӣ маърӯза ва нашр гардидааст.

Дар автореферат дар баробари нуктаҳои муфиди аҳамияти илмию амалидошта, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Агар муаллиф моҳият ва аҳамияти амсилаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамиро (расми 2, саҳ, 10) шарҳу тавзеҳ медод, қиммати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.
2. Дар матни автореферат баъзе мафҳумҳои баҳсталаб нисбати баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ба чашм мерасад.

Эродҳои қайдкардашуда хусусияти паст намудани арзиши илмии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро надошта, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст ба натиҷаҳои анҷомдодашудаи кори илмӣ мувофиқ

Сканировано с CamScanner

мебошад. Кори диссертатсионӣ, бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои дар автореферат пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмию амалӣ анҷом дода шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети менеҷмент ва
маркетинги байналмилалии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Сатторзода А. А.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев 63/3, тел: 918133131

Имзои н.и.и., дотсент Сатторзода А. А.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузори ва назорати ДТТ Абдуназаров А.Ҷ.

Сканировано с CamScanner